# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

БА ШУЪБАИ УМУМӢ ВА КОРГУЗОРИИ РАЁСАТИ КОТИБОТ БАРГАРДОНИДА ШАВАД

Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008, №542

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фармон медиҳам:

1. Банди 1 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008, №542 «Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ» дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси Шӯро;

вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси Шӯро.

Аъзои Шӯро:

вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

мушовири калони бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ;

директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Бонки миллии Тоҷикистон (дар мувофиқа);

муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

директори Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

котиби масъули Шӯро (роҳбари котиботи Шӯро), ки аз ҷониби раиси Шӯро таъин карда мешавад.».

2. Ба Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008, №542 «Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ» тасдиқ шудааст, тағйироти зерин ворид карда шавад:

1) дар банди 1 калимаҳои «Нақшаи чорабиниҳо» ба калимаҳои «барномаи амали миёнамуҳлат» иваз карда шаванд;

2) дар банди 4:

- дар сархати якум калимаҳои «Нақшаи муфассали чорабиниҳо» ба калимаҳои «барномаи амали миёнамуҳлат» иваз карда шаванд;

- дар сархати дуюм калимаҳои «Нақшаи чорабиниҳои» ба калимаҳои «барномаи амали миёнамуҳлати» иваз карда шаванд;

3) дар банди 5:

- дар сархати дуюм калимаҳои «Нақшаи муфассали чорабиниҳо» ба калимаҳои «барномаи амали миёнамуҳлат» иваз карда шаванд;

- сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- таҳияи барномаҳои амали миёнамуҳлат барои амалисозии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои ҳар сесола, пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати иҷрои барномаҳои мазкур;»;

4) дар сархати чоруми банди 7 калимаҳои «Нақшаи чорабиниҳо» ба калимаҳои «барномаи амали миёнамуҳлат» иваз карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

ш.Душанбе

15 майи соли 2020

№ 1535

234

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
Р.В. № 91-76
«18» 05 2020 с.
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

О внесении изменений в указ Президента
Республики Таджикистан от 16 сентября 2008 года, №542

В соответствии со статьёй 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» постановляю:

1. Пункт 1 указ Президента Республики Таджикистан от 16 сентября 2008 года, №542 «О создании Координационного совета по вопросам управления государственными финансами» изложить в следующей редакции:

«1. Образовать Координационный совет по вопросам управления государственными финансами в следующем составе:

министр финансов Республики Таджикистан – председатель Совета;

министр экономического развития и торговли Республики Таджикистан – заместитель председателя Совета.

Члены Совета:

министр юстиции Республики Таджикистан;

председатель Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан;

старший советник помощника Президента Республики Таджикистан по экономическим вопросам;

директор Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан;

председатель Национального банка Таджикистана (по согласованию);

заместитель председателя Счетной палаты Республики Таджикистан;

заместитель директора Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан;

председатель Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан;

начальник Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан;

директор Агентства социального страхования и пенсий при Правительстве Республики Таджикистан;

директор Агентства по государственным закупкам товаров, работ и услуг при Правительстве Республики Таджикистан;

ответственный секретарь Совета (руководитель секретариата Совета), назначаемый председателем Совета.».

2. Внести в Положение о Координационном совете по вопросам управления государственными финансами, утвержденное указом Президента Республики Таджикистан от 16 сентября 2008 года, №542 «О создании Координационного совета по вопросам управления государственными финансами», следующие изменения:

1) в пункте 1 слова «Плана действий» заменить словами «среднесрочной программы действий»;

2) в пункте 4:

- в первом абзаце слова «детального Плана действий» заменить словами «среднесрочной программы действий»;

- во втором абзаце слова «Плана действий» заменить словами «среднесрочной программы действий»;

3) в пункте 5:

- во втором абзаце слова «детального Плана действий» заменить словами «среднесрочной программы действий»;

- абзац третий изложить в следующей редакции:

«- разработка среднесрочных программ действий по реализации Стратегии управления государственными финансами на каждые три года, их представление для утверждения в Правительство Республики Таджикистан и принятие необходимых мер для осуществления данных программ;»;

4) в четвертом абзаце пункта 7 слова «Плана действий» заменить словами «среднесрочной программы действий».

Президент
Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

г.Душанбе

15 мая 2020 года

№ 1535